**РУЙХАТИ**
**ҲУҶҶАТҲОИ ЛОЗИМА БАРОИ ГИРИФТАНИ ИҶОЗАТНОМА**

**Хусусиятҳои иҷозатномадиҳии фаъолият вобаста бо манбаъҳои афканишоти иондоркунанда (манбаъҳои ҳосилкунанда)**

## НОМГӮИ ҲУҶҶАТҲОИ АСОСӢ

1. Мактуб ба унвони ААЯР.
2. Ариза дар бораи додани ичозатнома барои намуди фаъолияти иҷозатномашаванда (намунаи ариза дар сомонаи www.nrsa.tj), ки дар он маълумотҳои зерин нишон дода мешаванд:

- барои шахси ҳуқуқӣ - ном ва шакли ташкилию ҳуқуқии ташкилот, суроғаи ҳуқуқӣ, рақами суратҳисоб ва номи бонк;
- барои сохибкори инфирод - насаб, ном, номи падар, ҷои истиқомат, шиноснома, рақам ва таърихи гирифтани он;

3. Барои шахси ҳуқуқӣ:

- нусхаи ҳуҷҷатҳои таъсисӣ (Оиннома ё низомнома);
- нусхаи шаҳодатномаи бакайдгирии давлатии довталаби ичозатнома ба сифати шахси ҳуқуқӣ;

4. Барои соҳибкори инфиродӣ:

- нусхаи шаҳодатномаи кайди давлатии шаҳрванд ба сифати соҳибкори инфиродӣ.

5. Нусхаи шаҳодатномаи ба қайд гирифтани довталаби иҷозатнома дар мақомоти андоз (РМА).
6. Ҳуҷҷате, ки пардохти ҳаққи иҷозатномаро барои баррасӣ шудани аризаи довталаби иҷозатнома тасдиқ мекунад (4 ва 10 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ва нишон додани рамзи 75).
7. Маълумот дар бораи дараҷаи ихтисоси кормандони довталаби иҷозатнома (нусхаи диплом ва ғайра).
8. Рӯзи додани ариза ва имзои довталаб.

## НОМГӮИ ҲУҶҶАТҲОИ ИЛОВАГӢ:

1. хулосаи санитарию эпидемиологӣ;
2. нусхаи фармоиш дар бораи таъин намудани шахси масъул оид ба бехатарии радиатсионӣ ва кормандоне, ки бо манбаъҳои афканишоти иондоркунанда сару кор доранд (гурӯҳҳои А ва Б);
3. ҳуҷҷати тасдиқкунандаи омӯзиш оид ба бехатарии радиатсионӣ;
4. барномаи бехатарии радиатсионӣ*;
5. нақшаи эътино ба ҳолатҳои садамавӣ.

*Барномаи бехатарии радиатсионӣ дар бар мегирад:

- нусхаи дастурамали вазифавии шахси масъул оид ба бехатарии радиатсионӣ;
- нусхаи дастурамал оид ба бехатарии радиатсионӣ барои ҳар як ихтисос;
- протоколи назорати дозиметрии инфиродӣ;
- назорати дозиметрии ҷойҳои корӣ;
- протоколи назорати сифати дастгоҳ;
- барномаи таъмини сифат ва васоити амалӣ намудани он;
- таснифоти минтақаҳо ва тавсифи тартиби идоракунии онҳо;
-маълумот дар бораи воситаҳои муҳофизатии асосӣ (мувофиқатии бино, дару тереза, ғафсии деворҳо ва ғайра) ва инфиродӣ;